**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни зироатҳои кишоварзӣ, картошка аз рӯйи истеҳсоли маҳсулот, ҳосилнокӣ ва самтҳои истифодабарӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Пешрафти ояндаи соҳаи картошкапарварӣ дар ҷумҳурӣ ба ташкил намудани системаи илман асосноки тухмипарварӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ вобастагии зич дорад. Ба роҳ мондани корҳои селексионӣ, интродуксияи навъу намунаҳо дар шароитҳои гуногуни парвариш ва истеҳсоли тухмии аълосифат яке аз омилҳои ҳалкунандаи пешрафти соҳаи мазкур ба шумор мераванд.

Ҳадафи асосӣ ва мазмуну муҳтавои диссертатсияи мазкур ба омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити минтақаи кӯҳӣ бахри истифодабарӣ дар истеҳсолот ва селексия равона карда шудааст, ки ин мубрамии таҳқиқот баҳисоб меравад.

Навгонии мавзӯи таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки бори аввал дар шароити кӯҳии водии Рашт омузиши хусусиятҳои биологӣ, агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқгардонии навъҳои нави интродуксионии картошка ба шароити номусоиди табиӣ дар радифи тағйирёбии глобалии иқлим омухта шуда, дар асоси омузиши ҳамаҷониба самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошкаро дар минтақа муайян намудааст.

Аҳамияти таҳқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳоиояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати картошка мебошад. Инчунин, баҳодиҳии навъҳои нави картошка вобаста аз сифати тухмӣ, мутобиқат ба шароитҳои минтақаи парвариш, ҳосилнокии навъҳо муайян карда шудааст.

Акрамов А.Х. дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқотҳо навъҳои Янка, Вектар, Скарб ва Бриз, ки аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устуворӣ ба омилҳои табиӣ аз дигар навъҳои зери омӯзиш қарордошта фарқ доштанд, интихоб намуда ба истеҳсолот тавсия намудааст.

Муаллиф исбот намудааст, ки ҳосилнокии навъҳои омӯхташудаи картошка дар шароити водии Рашт аз 25,7 т/га то 37,8 т/га- ро ташкил медиҳад. Навъҳои Янка, Скарб, Вектар ва Бриз аз рӯйи шумораи

лӯндаҳо дар як растанӣ, вазни як лӯнда, маҳсулнокӣ ва ҳосилнокӣ нисбат ба навъи назоратии Жуковский ранний бартарии зиёд дошта, ҳосилнокии навъҳои Янка-37,8т/га, Вектар- 32,5 т/га, Скарб- 31,8 т/га ва Бриз-30,1 т/га-ро ташкил дод, ки ин нисбат ба навъи назоратии Жуковский ранний аз 4,4 то 12,1 т/га (аз 7,8 то 9,7%) зиёд мебошад.

Навъҳои тавсияшаванда дар истеҳсолот тадбиқ карда шуда, тибқи санади пешниҳоднамуда ҳоло дар майдони бештар аз 20 га дар шароити ноҳияи Лахш парвариш гардида, аз ҳар гектар то 30- 40 тонна ҳосил дода истодаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот бешубҳа аҳамияти назариявӣ ва илмию амалӣ дошта, хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф асоснок будани натиҷаҳои таҳқиқотро нишон медиҳад.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Акрамов Абдуҳалим Холович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Директори Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ,
доктори илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи
ихтисоси 06.01.05-Селексия ва
тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ Кароматов Ш.Ш.

Суроға: 735022, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ҳисор,
ҷамоати Мирзо Ризо, деҳаи Сурхакчашма,
тел: 93-881-14-81, E-mail: sharofiddin@mail.ru

Имзои Кароматов Ш.Ш. - ро тасдиқ менамоям:
сармутахассис оид ба кадри Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Музафарова М.Н.

30.09.2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 21а,
тел:. E-mail: bogparvar@mail.ru